ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМӢ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Ба ҳуқуқи дастнавис



**Бекмуратова Умида Аманбаевна**

# ТАРҲРЕЗИИ ПЕДАГОГИИ ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ КОРИ МУСТАҚИЛОНА ОИД БА ЗАБОНИ РУСӢ

**(барои донишҷӯёни ғайрифилологи қарақалпоқ ва ӯзбек)**

**Ихтисоси 13.00.02 -- Назария ва методикаи таълиму тарбия**

**(Забон ва адабиёти рус)**

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти унвони илмии

номзади илмҳои педагогӣ

Душанбе -2019

Кори диссертатсионӣ дар Муассисаи федералии давлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи давлатии техникии Новосибирск» омода карда шуд

**Роҳбари илмӣ:** **Мандрикова Галина Михайловна**
доктори илмҳои филологӣ, дотсент

**Муқарризони расмӣ:** **Юлдошев Умарҷон Раҳимҷонович**

доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
мудири кафедраи забони русии
ДДТТ ба номи А. Сино

**Раҳматова Ширин**

номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи «Лингвистика»-и
бахши ДДМ ба номи Ломоносов

**Муассисаи пешбар:** Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Ҳимояи диссертатсия «21» ноябри соли 2019 соати $14^{00}$ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D. КОА -- 028 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар суроғаи 734003 г.Душанбе проспект Рудаки, 121 баргузор мегардад

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмӣ-техникии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва дар сомонаи www.tgpu.tj шинос шудан мумкин аст

Автореферат фиристода шуд «    » соли 2019

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.ф., дотсент** **Мирзоалиева А.Ш.**

## Тавсифи умумии рисола

**Аҳамиятнокӣ ва талаботнокии мавзӯи диссертатсия.** Дар Ӯзбекистони муосир забони русӣ накши муҳими коммуникативӣ ва ҳамгаройӣ бозида, забони кории муносибатҳои байналмилалӣ дар чаҳорчӯбаи робитаҳо бо мамолики ИДМ мебошад. Масъалаи забонҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд ҶӮ), аз ҷумла забони русӣ, дар заминаи рушди тамаддунҳои ҷаҳонӣ, ки шаклҳои нави муоширатро ифтитоҳ менамоянд, густариши равобити дӯстона, беҳтаргардонии равандҳои ҳамгаройӣ мавриди баррасӣқарор мегирад. Омӯзиши забони русӣ, баробар бо забонҳои дигар, дар ҶӮ ҳамчун фармоиши иҷтимоии замои муосир, киояндаи мамлакатро муайян месозад, арзёбӣ мешавад [9: 103]. Дар «Стратегияи амалиёт оид ба инкишофи минбаъдаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» (дар қисми 4.4.) як қатор вазифаҳои афзалиятнок, мисли «омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ» ва «баланд бардоштани сифат ва самаранокии ба амал татбиқ намудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар асоси воридсозии стандартҳои байналмилалии таълим ва баҳодиҳии сифати таълим» ба миён гузошта шуданд [5]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки айни замон забони русӣ дар ҶӮ дар соҳаҳои гуногуни илм, маориф, саноат, фарҳанг амал мекунад, бинобар ин омӯзиши он чун пешина масъалаи рӯзмарраест, ки дар чаҳорчӯбаи маорифи муосири миллӣҳал мегардад.

Дар баробари ин амалияи воқеии омӯзиши забони русӣ дар мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии ӯзбек аз баёноти эълоншуда оид ба аҳамияти он дар ҷумҳурӣ хеле дур мебошад. Моҳи апрели соли 2019 гурӯҳи арбобони ҷамъиятии ҶӮ -- намояндагони илм, санъат, маориф дар ВАО бо номаи кушод ҷиҳати тағйир додани мақоми забони русӣ бо хоҳиши ба он додани мақоми забони муошират байналмилалӣ садо баланд карданд: «Ҳаёт нишон медиҳад, ки дар қатори забонҳои давлатӣ (ӯзбекӣ ва қарақалпоқӣ) дар Ӯзбекистн мақоми забони русиро ҳамчун забони муошират байналмилалӣ расман ва ба таври объективӣ эътироф кардан зарур аст. Масъалаи мақоми забони русӣ мушкилоти бениҳоят рӯзмарраест, ки бояд дар сатҳи давлатӣ бо воридсозии ислоҳоти зарурӣ дар қонунҳои мамлакати мо ҳаддалимкон зудтар ҳал карда шавад» [10].

Муаллифон ба сифати далел ин омилҳоро пеш мегузоранд:

1)мавҷудияти гурӯҳҳои русзабони аҳолӣ(русҳо, украинҳо, тоторҳо, белорусҳо, қазоқҳо, куриёиҳо, арманиҳо, яҳудиён ва ғайра);

2)тамоми адабиёти ӯзбек ва тамоми асарҳои илмии ӯзбекӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, аз солҳои чилум сар карда, бо алифбои кириллӣ навишта шудаанд, бозчопи ҳамаи ин асарҳо бо лотинӣ аслан имконнопазир аст, ҷуз ин, қисми зиёди лоиҳаҳои илмӣ-техникӣ бо забони русӣ таҳия карда мешаванд, тафсирҳо ва истилоҳоти техникӣ мавриди истифодақарор мегиранд;

3) бисёр арбобони адабиётиҷумҳуриҳои Осиёи Миёна берун аз ҳудуди кишварҳои худ ба туфайли тарҷумаҳо бо забони русӣ ва тариқи он ба дигар забонҳои сайёра машҳур шудаанд;

4)робитаҳо бо ФРакнун рӯ ба афзоиш ниҳодаанд. Бисёршаҳрвандон, забони русиро хуб азхуд накарда, барои кор ба Русия мераванд. Забони русӣ инчунин барои донишҷӯёне, ки дар муҳити маъмулӣ дар ҳудуди Русия дониши худро мукаммал мегардонанд, зарур аст. Аз дигар тараф, ҷараёни сайёҳон аз Русия,

дигар мамолики ИДМ беист афзоиш меёбад, ки онҳо ба фаҳмиши осон аз ҷониби ҳайати хидматрасон ва ҳама одамони таҳҷойӣ умед мебанданд [10].

Ду омили муҳим вуҷуд доранд, ки онҳо вазъияти ҳақиқии забони русиро на фақат дар ҶӮ, балки инчунин дар кулли фазои ҷумҳуриҳои собиқи Осиёи Миёна муайян мекунанд. Якум, забони русӣ дар мактабҳои ӯзбекӣба сифати забони дуюм баъди англисӣ омӯхта мешавад; дуюм, он муҳити боиқтидори забони русӣ, ки аз бисёр ҷиҳат таълими забони русиро ҳамчун забони ғайримодарӣ (маҳз ҳамин гуна номида мешуд раванди омӯзиши забони русӣ барои ғайрирусҳо дар мамлакатҳои ИДМ -- бо тафовут аз забони русӣҳамчун забони хориҷӣ) таъмин ва дастгирӣ мекард, амалан аз байн рафт. Агар забонирусиро ҳанӯз дар шаҳрҳои бузург шунидан мумкин бошад, дар деҳот он аҳёнан истеъмол мегардад. Ин ду омил, ки ҳолати забониро дар ҶӮ хеле тағйир доданд, ҷараёни таълими забони русиро ҷиддан мураккаб сохтанд, ки онро, аз нуқтаи назари усулҳои таълим, ба мақоми «ҳамчун хориҷӣ» гузарондан одилонатар ва дурусттар мебуд.

Тибқи нақшаи таълимӣдар ҶӮ барои омӯзиши забони русӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ 36 соат ҷудо карда шудаст. Дар барномаи донишгоҳӣ, ғайр аз вақти асосӣ, соатҳои иловагӣ барои азхудкунии мустақилонаи забон низ ҳастанд. Шароитҳои муосири таҳсилот аз донишҷӯён қобилиятҳои азхудкунии мустақилонаи маводи дарсиро талаб мекунанд – гуфтан мумкин аст, ки ин равишиҷаҳонии таҳсилот мебошад. Чунин азхудкунӣ дар дидактикаи лингвистии ӯзбек масъалаи ҷиддии методӣ аст: оид ба он, ки кори мустақилонаи толибилмон бояд чӣ гуна ташкил карда шавад, фаҳмиши равшан нест, китобҳои дарсии муосир, ки бояд ба сифати таъмини методии он амал намоянд, вуҷуд надоранд, мутаносибан бо ин методикаи истифодаи онҳо дар таълими забонирусӣҳам коркард нашудааст.

Пажӯҳиши диссертатсионӣ ба ҳал ва иҷрои масъалаҳое мусоидат мекунад, ки онҳо дар Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Оид ба тадбирҳо барои рушди минбаъдаи низоми таҳсилоти олӣ» нишон дода шудаанд ва маҳз: «таҳия ва татбиқи васеи дастурҳои таълимии насли нав дар низоми таҳсилоти олӣ, таъмини муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо адабиёти таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва илмӣ» [6], инчунин дар Қарор «Оид ба барномаи тадбирҳои маҷмӯиҷиҳати рушди низоми интишор ва густариши маҳсулоти китобӣ, баланд бардоштани фарҳанги хониш» [7], ки асари мазкурро басо аҳамиятнок менамояд.

Барои ташкил додан ва баргузор кардани раванди кори мустақилона (КМ) оид ба забони русӣ, инчунин барои беҳтар гардондани сифати омӯзиши забони русӣ истифодаи дастурҳои таълимие лозим аст, ки онҳо дар асоси комёбиҳои муосири дидактикаи лингвистӣ ва талаботи муносибе, ки пеши васоити таълими асри XXIгузошта мешаванд, омода карда шудаанд. Ин имкон медиҳад, ки сатҳи омӯзиши забони русӣ дар ҶӮ, бо назардошти вазъи забонии дар он ҷо баамаломада, баланд бардошта шавад. Нишондодҳои методии мавҷудаи имрӯза барои омӯзиши забони русӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонии ҶӮ ба стандартҳои таҳсилои олӣҷавобгӯ нестанд, бо маводҳои аудиоӣ (оид ба намунаҳои электронӣҳоҷати гап нест) таъмин карда нашудаанд, бинобар ин аз бисёр ҷиҳат донишҷӯёнро ба фаъолияти мустақилона барои омӯзиши забон ҳавасманд намегардонанд. Ҳамин тавр, пажӯҳиш, ки ба таҳияи амсилаи методии дастури

таълимӣ барои кори мустақилона бахшида шуда, ба муносибати маҷмӯӣ бо таълими забони русӣ дар шароитҳои номавҷудии муҳити забонӣ асос ёфтааст, дар назария ва амалия талаботи калон дорад.

**Дараҷаи коркарди илмии масъала.** Ба ақидаи И. А. Зимняя, «кори мустақилонаи хонанда амали камомӯхташудатарин ва ҳамзамон таваҷҷуҳангезтарин аз лиҳози баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти таълимӣ мебошад. Маҳз дар он бештар за ҳама метавонад сабабнокӣ(далелнокӣ, ҳавасмандӣ), мақсаднокӣ, инчунин худмуташаккилӣ, мустақилият, худназорат ва дигар сифатҳои шахсиятии инсон зуҳур ёбанд» [4: 61]. Ин суханон, ки 25 сол қабл навишта шудаанд, бо вуҷуди ҷаҳиши илмии ҷиддӣ дар омӯзиши кори мустақилона ҳамчун хориқаи мураккаби методӣ, имрӯз ҳам аз бисёр ҷиҳат одилона боқӣ мемонанд, махсусан дар қисмати имкониятҳои кори мустақилона дар баландбардории самаранокии ҷараёни маърифатӣ, аз як тараф, ва ташаккули чунин хусусиятҳои шахсӣ, мисли худмуташаккилӣ, мустақилият, худназорат, аз дигар тараф.

Масъалаи омӯзиши кори мустақилона мавзӯи пажӯҳиши бисёр олимон (И. А. Зимняя, Г. М. Коджаспирова, А. Ю. Коджаспиров, П. И. Пидкасистий, А. Н. Шукин ва дигарон) дар дидактикаи лингвистӣ гаштааст; дар баробари ин бояд зикр кард, ки дар адабиёти психологӣ-педагогӣ масъалаҳои ташаккули кори мустақилона баён карда шудаанд, ки онҳо тарзҳои мухталифи ташкили кори мустақилонаро мекушоянд (Б. П. Есипов, П. Я. Галперин, И. Я. Лернер, А. Н. Леонтйев, А. С.Линда ва дигарон).

Олимон тафсирҳои гуногуни мафҳуми «кори мустақилона»-ро пешниҳод мекунанд, ки дар онҳо ихтилофоти муайян вобаста бо мароқи пажӯҳишгарон ба ҷанбаҳои гуногуни омӯзиши он дида мешаванд:масалан, пажӯҳишгарон КМ-ро ҳам ба сифати шакли ташкили таълим(А. Алханов, М. А. Иванова ва дигарон); ҳам ба сифати воситаи таълим (Г. Н. Динитс, В. В. Соловёва, П. И. Пидкасистий, М. С. Шишкина ва дигарон); ҳам ба сифати фаъолияти маърифатии таълимӣ(Э. В. Балакирева, Р. У. Богданова, О. Б. Довудова ва дигарон) мефаҳманд.Масъалаҳои зарурат ва аҳамиятнокии назорати омӯзгор аз болои кори мустақилонаи донишҷӯён дар асарҳои А. Алханов, Е. Н. Ефремова, Т. А. Илйина, И. В. Стрекалова ва дигарон баррасӣ карда мешаванд; намудҳои кори мустақилона дар пажӯҳишҳои А. Ю. Бугай,Д. В. Иванова, О. А. Козирева, Л. С. Клентак, Т. В. Лукина, К. Орлова, Е. В. Саунина, Д. Шарифов, З. Д. Шарифова, О. Н. Шемелинина ва дигарон тавсиф меёбанд.

Асарҳои М. М. Муҳиддинов, В. И. Андрианова, М. Ҷусупов, Г. Х. Боқиева, М. А. Хегай, Л. Т. Аҳмадова ва дигарон дар ҳалли масоили таълими забони русӣ дар ҶӮ нақши назаррас бозиданд. Дар Қарақалпоқистан бо ин масъалаҳо Н. А. Урумбаев, А. У. Умаров, Л. Б. Хван, Т. К. Караматдинова, А. Н. Урумбаева, Г. Н. Урумбаева, А. А. Хоҷаниёзова ва дигар олимон шуғл варзидаанд.

Барои диссертатсияи мо пажӯҳишҳое, ки ба коркарди назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) саҳми бузург гузоштаанд (С. С. Авғонов, С. Н. Алиев, О. Гургулиева, Т. В. Ҳусейнова, С. С. Ҷаматов, Л. М. Иматова, Ш. Исрофилниё, Ф. С. Комилиён, Б. Маҷидова, Н. Мерганова, С. Э. Неъматов, А. Нозимов, Ш. И. Раҳматова,

Г. Рустамова, Х. Г. Сайфуллоев, Д. Я. Шарипова, С. Шербоев, Р. Шоев, М. Р. Юлдошева, У. Р. Юлдошев ва дигарон), аҳамияти бевосита доранд.

Дар пажӯҳишҳои диссертатсионӣ инчунин масъалаҳои ташкили кори мустақилонаи донишҷӯёни мамлакатҳои хориҷӣ мавриди баррасӣқарор гирифтаанд (Т. Х. Нгуен, Гомбо Жаргалсайхан ва дигарон). Пажӯҳишҳои методистҳои хориҷӣ ва ватанӣ, ки кори мустақилонаро дар чаҳорчӯбаи ба истилоҳ таълими омехта (blendedlearning), ки истифодаи технологияҳои ҳам анъанавӣ ва ҳам инноватсионии таҳсилот (фосилавӣ) ва тарзҳои таълимро пешбинӣ мекунад(О. И. Руденко-Моргун, С. Берарди, Л. В. Апакина, А. Л. Архангелская, А. Н. Ал-Қайсӣ ва дигарон), таваҷҷуҳи хоса бармеангезанд. Муҳим аст, ки пажӯҳишгарон аз лиҳози он, ки иқтидори дидактикии кори мустақилонаро ҳамчун навъи фаъолияти таҳсилотии донишҷӯён арзёбӣ кардан душвор аст, бо ҳам мувофиқ меоянд.

Пажӯҳиши ташкил ва гузарондани кори мустақилонаи донишҷӯёни ғайрифилологи қароқалпоқ ва ӯзбек хусусияти байнифаннӣ дар пайвандгоҳи як қатор илмҳоро дорост ва омӯзиши падидаи мазкурро дар ҳама робитаҳои мутақобила ва ҳама вобастагиҳои мутақобила пешбинӣ мекунад. Таҳлили коркардҳои илмии мавҷуда зимни вуҷуд доштани муносибатҳои гуногун нишон медиҳад, ки новобаста аз аҳамиятноки бузурги назариявӣ ва амалиявии корҳои мавҷуда, масъалаи таҳияи китоби дарсӣ / дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ барои донишҷӯёни ғайрифилолог дар ҶӮ кифоятан пурра омӯхта нашудааст. Ҳолати мазкур аҳамияти таҳлили гуногунтарафаи имконпазирӣ ва асоснокии илмии масъалаи таҳияи китоби дарсиро барои кори мустақилона оид ба забони русӣ барои донишҷӯёни ғайрифилолог дар ҶӮ рӯзмарра мегардонад. Он, ки муаллимон ба ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии марбут ба мустақилият, худомӯзӣ ва худтакомулдиҳии малакаҳои таълим таваҷҷуҳи кофӣҷудо намекунанд, аз бисёр ҷиҳат бо номавҷудии маводи созгори дарсӣ вобаста мебошад. Дар мавриди мазкур технологияҳои нави педагогӣ ва коркардҳои муносибатҳои муосири назариявӣ лозиманд.

Пажӯҳиши масъалаи ташкили кори мустақилонаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии Қароқалпоқистон то имрӯз умуман гузаронда нашудааст, ки он ба ихтилофот дар байни инҳо оварда расонд:

-талаботи афзоишёфтаи ҷомеаи муосир ба мутахассисони касбие, ки шомили нишондодҳои баланди омодагӣ ба кори мустақилонаанд, ва мавҷуд набудани ин салоҳият дар бисёре аз онҳо;

-зарурати дар ҷавонони муосири мо ташаккул додани лаёқатҳо ва малакаҳои фаъолияти мустақилонаимаърифатӣ ва камчинии шадиди таъминоти муносиби дараҷавӣ (дастурҳои таълимӣ) дар низоми таҳсилоти олӣ.

Кӯшиши рафъ намудани ихтилофоти дар боло номбаркардашуда бо тарҳрезии педагогии амсилаи дастури таълимӣ вобаста мебошад, ки дар ин пажӯҳиш сомон дода мешавад. Амсилаи пешниҳодшавандаи дастури таълимӣбарои кори мустақилона оид ба забони русӣ имкониятҳои мустақилона ташаккул додани салоҳиятҳои забонии донишҷӯёни қароқалпоқро барои омӯзиши минбаъдаи забони русӣ фаро мегирад. Ин ҳама гуфтаҳо имкон медиҳанд, ки оид ба

рӯзмаррагӣ ва  талаботнокии бешубҳаи пажӯҳиши мазкур сухан ба миён оварда шавад.

Аҳамияти  умуминазариявӣ ва амалиявии  масъалаи мавриди баррасӣ ва коркарди нокифояи он  барои интихоби  мавзӯи пажӯҳиш «Тарҳрезии педагогии дастури  таълимӣ барои кори мустақилона оид ба  забони русӣ (барои донишҷӯёни ғайрифилологи қарақалпоқ ва ӯзбек)» ҳамчун асос хидмат кард.

**Объекти пажӯҳиш**  --  тарҳрезии педагогии дастури таълимӣ  барои кори мустақилона оид ба забони русӣ дар муассисаҳои ғайрифилологии Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

**Мавзӯи пажӯҳиш**  --  таълими фаъолияти мустақилона дар асоси амсилаи коркардшудаи дастури таълимӣ ба донишҷӯёни қароқалпоқ.

**Ҳадафи пажӯҳиш**  --   коркарди амсилаи дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ барои донишҷӯёни ғайрифилолог ва тавсифи имкониятҳои он дар ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён.

Мувофиқи ҳадаф **фарзияи пажӯҳиш** пешниҳод карда шуд: тарҳрезии педагогии дастури  таълимӣ барои кори мустақилона оид ба  забони русӣ барои донишҷӯёни ғайрифилологи қароқалпоқ ва ӯзбек босамара хоҳад буд, агар:

-таълими мустақилонаи забони русӣ   дар асоси амсилаи дастури таълимии мутамоил ба  сатҳи муқаррарӣ  амалӣ карда шавад, ки он  барои дар донишҷӯён ташаккул додани  салоҳияти забонӣ имконият фароҳам меоварад;

-дар амалияи раванди таҳсил пурсиши тестии  озмоишӣ истифода карда шавад, ки он барои объективона муайян кардани  дараҷаи азхудкунии забон аз ҷониби муҳассилин  мадад мерасонад;

-дар  асоси натиҷаҳои пурсиши тестӣ амсилаи дастури таълимӣ  аз лиҳози методӣ ислоҳ карда шавад;

-таҷассуми амалии амсилаи коркардшуда барои дар донишҷӯён ташаккул додани қобилиятҳо ва малакаҳои кори мустақилона  имконият диҳад.

Дар асосиҳадаф, объект, мавзӯъ ва фарзияи илмии пажӯҳиш вазифаҳои зерини пажӯҳиш тавҷеҳ карда шуданд:

1.Дар ҳаҷми пурра  баррасӣ кардани  асарҳои пажӯҳишӣ (психологӣ-педагогӣ ва лингвистӣ-дидактикӣ) нисбат ба чунин объект, мисли «кори мустақилона».

2. Тавсифи  махсусияти кори мустақилона оид ба забони русӣ дар шароитҳои муассисаи таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

3. Таҳлили дастурҳои  таълимии мавҷуда барои кори мустақилона бо мақсади ошкорсозии хусусиятҳои методии онҳо, ки  нақши идоракуниро дар фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён таъмин мекунанд.

4.Коркарди амсилаи  дастури таълимӣ барои кори мустақилона бо назардошти омилҳои  муосири  лингвистӣ,  методӣ ва психологие, ки  хусусиятҳои хоси раванди таълимро оид ба забони русӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ғайризабонии ӯзбек ба ҳисоб мегиранд.

5. Коркарди дарси типие, ки  дар он  принсипҳои таълими самарабахши дар дастури таълимӣ эълоншуда  баамал татбиқ карда мешаванд.

6.Таҳлили натиҷаҳои бадастовардашудаи  таҷрибавӣ оид ба маводҳои озмоишӣҳамчун асоси методологии пажӯҳиш бо хулосаҳои минбаъда.

Ба сифати **асоси назариявии** диссертатсия инҳо хидмат карданд:

- адабиёти илмӣ дар соҳаи таълими забонҳои хориҷӣ, омӯзиши забони русӣҳамчун забони хориҷӣ, инчунин забони русӣҳамчун забони ғайримодарӣ (С. Н. Алиев, А. Р. Арутюнов, Э. Г. Азимов, И. Л. Бим, Т. М. Балихина, М. Н. Вятютнев, И. А. Зимняя, Д. Д. Зуев, Б. П. Есипов, Е. И. Пассов, С. К. Фоломкина, А. Н. Шукин ва дигарон); асарҳо дар соҳаи педагогика ва психология, ки ба фаъолияти маърифатии талабагон бахшида шудаанд (Т. А. Бабакова, Б. Ф. Ломов, И. Я. Лернер, А. Н. Леонтйев, Я. Ф. Молнар, Э. Г. Скибитский ва дигарон); асарҳои русшиносон ва методистҳои ӯзбек, ки ба методикаи таълими забони русӣ дар Ӯзбекистон бахшида шудаанд (Н. А. Урумбаев, А. У. Умаров, М. Ҷусупов, В. И. Андриянова, Л. Т. Аҳмадова, Т. Т. Караматдинова, Г. Н. Урумбаева, А. А. Хоҷаниёзова, Л. Т. Кон ва дигарон).

- сабабнокӣ дар фаъолияти маърифатӣтибқи консепсияи Л. И. Божович, В. П. Кузовлев, А. Н. Леонтйев, А. Маслоу, моҳияти субъект-субъектии муошират тибқи ғояҳои Б. Г. Ананйев, Г. М. Андреева, М. С. Каган, А. А. Леонтйев, М. И. Лисина, Б. Ф. Ломов, Б. Д. Паригин ва дигарон).

**Маводи пажӯҳиш:** а)китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ; б) маводи лингвистӣ-дидактикие, ки ба дараҷаҳои гуногуни омодагии забонии доираи муайяни толибилмон (барои амсиласозӣ) мувофиқанд, инчунин маълумотҳои дар рафти 1) пурсиши тестии донишҷӯёни курси 1-ум ба даст оварда шуданд ва 2) маълумотҳои методие, ки дар рафти санҷиши дарси шомили унсурҳои таълими таҷрибавӣ ба даст оварда шуданд.

**Заминаи сарчашмавии пажӯҳиш** низ аз ҳуҷҷатҳои расмӣ оид ба маорифи халқӣ ваҳуҷҷатҳои қонгузории ҶӮ иборат буд.

**Методҳои пажӯҳиш:** тавсифӣ-таҳлилӣ, амсиласозии методӣ, пурсиши тестии озмоишӣ бо унсурҳои таълими санҷишӣ; методҳои таҷрибавӣ -- пурсиши саволномавӣ, пурсиши тестӣ, мушоҳида, озмоиши педагогӣ, методҳои коркарди математикии пажӯҳиши озмоишӣ.

**Давраҳои пажӯҳиш.** Пажӯҳиш аз соли 2014 то соли 2018 дар се давра гузаронда шуд: **Давраи якум – муқарраркунанда** (2014-2015) ба ҷамъоварӣ, таҳлил ва омӯзиши адабиёти илмии лингвистӣ-дидактикӣ, педагогӣ, психологӣ ва фалсафӣ оид ба ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён бахшида шуда буд; асосҳои назариявӣ ва методологии пажӯҳиши мазкур муайян карда шуданд; мавзӯъ, ҳадаф вазифаҳо тавҷеҳ карда шуданд, дастгоҳи мафҳумӣ таҳия карда шуд.

**Давраи дуюм – ташкилдиҳанда** (2016-2017). Дар ин давра таҳлили талабот оидба китоби дарсӣ барои кори мустақилона гузаронда шуд; масъалаҳои асосии ташкили кори мустақилона муайян карда шуданд; амсилаи дастури таълимӣ ва нишондодҳои методӣ вобаста ба амсилаи мазкур коркард карда шуд; пурсиши тестии озмоишӣ барои муайянсозии сатҳи забони русии мухотаби дастури таълимӣ барои кори мустақилона гузаронда шуд, инчунин намунаи таҷрибавии дарси дастури таълимӣ барои кори мустақилона коркард карда шуд.

**Давраи сеюм – ҷамъбастӣ** (2017-2018) – марҳилаи анҷомбахши қисми озмоишӣ ва санҷиши дарси коркардшудаи дастури таълимӣ бо унсурҳои таълими таҷрибавӣ; таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда, тавҷеҳи хулосаҳои ҷузъӣ ва умумӣ, таҳияи диссертатсия.

**Навгонии илмии** пажўҳиши гузарондашуда аз он иборат аст, ки дар он кўшиши асосноккунии назариявӣ ва амсиласозии педагогии чараёни таълим бо ёрии дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ барои гурўҳи мушаххаси муҳассилин – донишчўёни ихтисосҳои ғайризабонии муассисаҳои таҳсилоти олии ўзбек ва қарақалпоқ сомон дода шуд. Ҳамин тавр, бори аввал а) шароитҳои омўзиши забони русӣ дар вазъияти забонии муосири ЧЎ ва махсусиятҳои миллӣ ва фарҳангии муҳассилин – мухотаб тависф карда шуданд; б) тарҳрезии педагогии воситаи таълимӣ гузаронда шуд (ташкилдиҳии сохторӣ-таркибии он пешниҳод карда шуд ва меъёрҳои интихоби фонетикӣ, грамматикӣ, лексикӣ ва матнии маводҳои дастури амсилашаванда барои кори мустақилонаи толибилмони ўзбек ва қарақалпоқ асоснок карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии** асар аз он иборат аст, ки дар он дар асоси тасаввуроти муосири лингвистӣ-дидактикӣ марбут ба кори мустақилона оид ба омўзиши забони русӣ ва назарияи муосири китоби забони русӣ амсилаи китоби дарсӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ барои доираи муқарраршудаи толибилмон -- донишчўёни ўзбек ва қарақалпоқи ихтисосҳои ғайризабонии муассисаҳои таҳсилоти олии ЧЎ коркард карда шуд.

**Арзиши амалии** асар аз он иборат аст, ки дар он талаботи муосири лингвистӣ-дидактикӣ ба таъмини кори мустақилона оид ба омўзиши забони русӣ дар асоси дастури таълимӣ ошкоргардонда ва хулосабарорӣ карда шуданд ва амсилаи сохторӣ-ташкилӣ ва мундаричавии чунин дастур пешниҳод карда шуд. Омодасозӣ ва дар амал татбиқ кардани дастури таълимӣ барои кори мустақилона имкон медиҳад, ки самаранокии таълими забони русии донишчўёни муассисаҳои таҳсилоти олии ўзбек ва қарақалпоқ баланд бардошта шавад. Амсилаи дар асар пешниҳодшудаи дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русиро ҳангоми таҳияи дигар дастурҳо оид ба забони русӣ барои доираи эълоншудаи донишчўён (бо тасҳеҳи муайяни методӣ) истифода бурдан мумкин аст.

**Заминаи тачрибавии пажўҳиш.** Пажўҳиши озмоишӣ дар курсҳои аввали бакалавриати факултаҳои техникӣ ва математикии Донишгоҳи давлатии Қарақалпоқистон ба номи Бердах ва Донишкадаи давлатии омўзгории Нукус ба номи Ачинияз баргузор карда шуд. Дар пурсиши якуми озмоишии тестӣ 186 донишчў иштирок намуд, дар таълими санчишӣ 144 донишчў иштирок намуд.

**Эътиборнокӣ ва асоснокии натичаҳои бадастомадаи** пажўҳиш бо сароҳати қоидаҳои ибтидоии методологӣ ва назариявӣ; таҳлил ва баҳисобгирии масъалаи пажўҳиш дар назария ва амалияи педагогӣ; истифодаи мачмўи методҳои тавъам бо ҳадафҳо, вазифаҳо, объект ва мавзўи пажўҳиш: тафтиши озмоишии фарзия ва санчиши бомуваффақияти кори тачрибавӣ-озмоишӣ дар амалияи оммавии муассисаҳои таҳсилоти олӣ; муътамадии натичаҳои бадастоварда таъмин гардонда шуд.

**Тафтиши натичаҳои пажўҳиш.** Самарабахшии амсилаи дастури таълимӣ барои кори мустақилона тафтиши озмоиширо оид ба фанни «Забони русӣ» дар гурўҳҳои факултаи техникии соли аввали таҳсили Донишгоҳи давлатии Қарақалпоқистон ба номи Бердах ва Донишкадаи давлатии омўзгории Нукус ба номи Ачинияз гузашт.

Натиҷаҳои пажӯҳиш зимни суханрониҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ ва байнидонишгоҳии илмӣ-амалӣ инъикос ёфтаанд: «Маърифати забонӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ» (Новосибирск, 2015, 2016); «Коммуникатсияи байнифарҳангӣ: ҷанбаҳои лингвистӣ» (Новосибирск, 2015); «Забони русӣ дар фазои бисёрэтникӣ» (Элиста, 2016); «Забон. Коммуникатсия. Фарҳанг» (Маскав, 2017); «Самтҳои афзалиятноки истифодаи технологияҳои таълими забонҳои гуногуннизом» (Тошканд, 2017); «Давраи тодонишгоҳии таълим дар Русия ваҷаҳон: забон, мутобиқатшавӣ, ҷомеа, тахассус» (Маскав, 2017); «Масъалаҳои рӯзмарраи ба амал татбиқ гардондани барномаҳои таълимӣ дар факултаҳои омодагӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ» (Маскав, 2018).

Оид ба мавзӯъ 13 асар, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиякардаи КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ФР, аз онҳо 1 мақола дар нашрияҳои ба пойгоҳи маълумоти байналмилалии ERIHPLUS ва AGRISдохилбуда ба табъ расонда шудааст.

**Саҳми шахсии муаллиф.** Муаллиф таҳлили масъалаи кори мустақилонаро ҳамчун хориқаи методӣ гузаронд, шароитҳои беҳтарини ташкили он дар чаҳорчӯбаи фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ муайян карда шуданд, зарурати кори мустақилонаи толибилмон оид ба забони русӣ бо ёрии воситаҳои махсуси таълимӣ тасдиқ карда шуд. Бо ин мақсад таҳлили дастурҳои мавҷудаи таълимӣ гузаронда шуд, ки дар асоси он тавсияҳои методӣ оид ба тарҳрезии педагогии амсилаи дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ барои донишҷӯёни ғайрифилологи муассисаҳои таҳсилоти олии ӯзбек коркард намуда шуданд.

Муаллиф бо мақсади ошкор гардондани сатҳи азхудкунии забони русӣ аз ҷониби донишҷӯёни курси 1– уми факултаҳои техникӣ – мухотаби дастури амсилашавнда мустақилона пурсиши тестии озмоишӣ таҳия ва баргузор кард. Бо назардошти натиҷаҳои бадастомада (А1– сатҳи муқаррарӣ) амсилаи дастури таълимӣбарои донишҷӯёни ғайрифилолог оид ба забони русӣ пешниҳод ва тавсиф карда шуд, инчунин намунаи озмоишии дарси дастур таҳия карда шуд, ки дар заминаи он таълими таҷрибавӣ амалӣ карда шуд. Дар асоси натиҷаҳои коркардшуда хулосаҳо бароварда ва хулосаи пажӯҳиши диссертатсионӣ тавҷеҳ карда шуд.

**Матлабҳое, ки баҳимоя пешниҳод карда мешаванд:**

1.Амсилаи тартиб додани китоби дарсӣ/дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забонирусӣ барои донишҷӯёни ғайрифилолог: ҳадафҳо, вазифаҳо, маҷмӯи принсипҳо, омилҳо ва меъёрҳои баҳогузории ташаккулёбии масъалаи мавриди пажӯҳиш.

2.Кори мустақилона оид ба забони русӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ӯзбекистон амалӣ карда мешавад, бояд ҳамчун фаъолияти маърифатӣ дарк карда шавад. Шароитҳои муҳимтарини ин фаъолият сабабнокии устувор ва мақсадгузории мустақилона мебошад, муваффақиятнокии ташкили кори мустақилона бо низомнокии гузарондани он алоқаманд аст. Чунин муносибат ба ташаккули салоҳиятҳое имкон медиҳад, ки онҳона фақат барои баланд бардоштани сатҳи азхудкунии забони русӣ, балки инчунин барои омодагӣ ба фаъолияти ояндаи касбӣ дар маҷмӯъ заруранд.

3.Ташаккулдиҳии салоҳиятҳои коммуникативӣ дар чаҳорчӯбаи кори мустақилонаро дар заминаи воситаҳои таълимии барои фаъолияти мустақилонаи маърифатии донишҷӯён таъйиншуда ба роҳ мондан мумкин аст. Тарҳрезии педагогии воситаи таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ барои донишҷӯёни ӯзбек (қарақалпоқ) бояд бо назардошти инҳо гузаронда шавад: а) хусусиятҳои хоси миллӣ ва фарҳангии доираи мазкури толибилмон; б) тафовутҳои онҳо дар сатҳи азхудкунии забони русӣ зимни номавҷудии низоми давлатии пурсиши тестии дараҷавӣ дар мактаб ва муассисаи таҳсилоти олӣ; в) тағйирот дар мақоми забони русӣ дар Ӯзбекистон бо сабаби номавҷудии муҳити забонӣ дар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ–фарҳангӣ, илмӣ–маърифатӣ ва ҷамъиятӣ–сиёсии Ӯзбекистон.

4. Ташкили сохторӣ-таркибии амсилаи дастури таълимӣ барои кори мустақилона якҷоясозии се навъи воситаҳои таълимиро талаб мекунад: китоби дарсӣ, маълумотнома (луғати тафсирӣ ва маълумотномаи грамматикӣ) ва дастурамал-навигатор. Маҳз ҳамин гуна муносибат имкон медиҳад, ки имкониятҳои кори мустақилонаи донишҷӯ ҳангоми кор бо дастури мазкур ба амал ҷорӣ карда шаванд.

5. Дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ дар давраи ҷамъбастии коркард бояд аз озмоиши ҷиддии методӣ / таълими таҷрибавӣ дар гурӯҳҳои мухталифи донишҷӯён (ӯзбекҳо вақарақалпоқҳо гузарад. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки на танҳо тасҳеҳи маводи забонӣ, балки инчунин асбобу анҷоми методӣ гузаронда шавад, ки ин барои имкониятҳои дастурро афзоёндан ҷиҳати ташаккули сабабнокӣ ва мақсадгузорӣ дар омӯзиши мустақилонаи забон, яъне ташаккул бахшидани салоҳиятҳои зарурӣ барои кори мустақилонаи фаъолияти маърифатӣ имкон медиҳад.

**Сохтор ваҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз Муқаддима, се боб, Ҷамъбаст (хулоса), рӯйхати адабиёти истифодабурдашуда ва Замима иборат мебошад. Маълумотҳои миқдорӣ дар расмҳо, диаграммаҳо ваҷадвалҳо инъикос карда шудаанд. Матни диссертатсия 164 саҳифаи ҳуруфчинии компютериро ташкил медиҳад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 237 манбаъро фаро мегирад, ки 12 адади онҳо ба забони хориҷӣ мебошанд.

## Мазмуни асосии асар

Дар Муқаддима аҳамияти пажӯҳиш асоснок карда мешавад, ҳадафҳо ва вазифаҳои он эълон карда мешаванд, объект ва мавзӯи пажӯҳиш тавҷеҳ карда мешаванд, фарзияи пажӯҳиш пешниҳод карда мешавад, методҳое, ки пажӯҳиш ба василаи онҳо баргузор гашт, нишон дода мешаванд, дараҷаи навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалиявии асар муайян карда мешаванд, матлабҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, баён карда мешаванд, маълумотҳо оид ба мавод ва сохтори пажӯҳиш оварда мешаванд.

Дар боби 1 «**Сохтори кори мустақилона дар адабиёти психологӣ-педагогӣ»** доираи масъалаҳои марбут ба КМ, махсусиятҳои психологӣ–педагогии он ва шаклҳои ташкили он баррасӣ карда мешаванд. Дар наздикшавии аввали КМ, чунон ки ба назар мерасад, барои фаҳмиши моҳияти он душвории хоса пеш

намеояд, зеро худи номи он ба зумраи истилоҳоти типии тафсирӣ мансуб аст[1]. Таҳлили пажӯҳишҳои педагогӣ ва методие, ки ба масоили КМ бахшида шудаанд (Б. П. Есипов, Я. Ф. Молнар, П. И. Пидкасистий, А. П. Тряпитсина ва дигарон), имкон дод муайян карда шавад, ки истилоҳи «кори мустақилона»-ро муаллифон аз мавқеи муносибатҳои гуногун муайян мекунанд, ба он муҳтавои гуногун дода мешавад:ҳамчун шакли ташкилдиҳии таълим (А. Алханов, М. И. Иванова ва дигарон), ҳамчун воситаи таълими ташкилдиҳӣ ва идоракунии фаъолияти маърифатӣ (И. Я. Лернер, А. Н. Леонтйев, В. В. Соловёва ва М. С. Шишкина ва дигарон), ҳамчун амали фаъолонаи таълимӣ (О. В. Витязева, И. В. Стрекалова), ҳамчун навъи фаъолияти таълимӣ (В. К. Винник, А. В. Исаева, Т. А. Илйина, Г. М. Коджаспиров, А. Ю. Коджаспирова ва дигарон).

Дар адабиёти илмӣ мафҳумҳои «кори мустақилона» ва «фаъолияти мустақилона» фарқ карда мешаванд. Дар фаҳмиши В. С. Федотова, «кори мустақилона бо фаъолияти мустақилона айният дода намешавад». Муаллиф пешниҳод мекунад, ки кори мустақилона ва фаъолияти мустақилона аз мавқеи муносибати ба истилоҳ праксиологӣ баррасӣ карда шавад: «кори мустақилона воситаи инкишофи мустақилият ҳамчун яке аз сифатҳои пешбарандаи шахсият мебошад, ки дар қобилияти зери роҳбарии омӯзгор, аммо бе иштироки мустақими вай, интихоб кардан / ёфтани тарзҳои нисбатан оқилонатари ҳалли масъалаҳо ва ба даст овардани мақсад ифода меёбад. Фаъолияти мустақилона натиҷаи зоҳир намудани мустақилиятест, ки дар амалиёт ифода меёбад ва асоси ташаккули бомуваффақияти касбӣ мебошад» [8: 115].

Вақтҳои охир истифодаи компютер дар таълими забонҳои хориҷӣ ба сифати боз як навъи / шакли ташкили КМ саросарӣ шуд ва бисёр муаллифон онро хеле самаранок меҳисобанд. Ба чунин КМ кори мултимедиавӣ (муаррифӣ, кор бо барномаҳои компютерӣ, сохтани контент дар шабака, кор бо захираҳои интернетӣ) ва ғайримедиавӣ (таҳияи матнҳо, амсиласозӣ, омодагӣ ба бозиҳои корӣ, иҷроитарҳҳо – К. Д. Дятлов), истифодаи почтаи электронӣ –Т. Г. Бекишева, Г. А. Гаспарян)–ро мансуб донистан мумкин аст. Ташкили КМ–и донишҷӯён дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ бо истифодаи тарзҳо / воситаҳои гуногуни гузарондани он имкон медиҳад, ки дар азхудкунии забон натиҷаҳои баландтар ва самарабахштар ба даст оварда шаванд. Арзиши КМ аз он вобаста мебошад, ки фаъолияти хонандагон маҳз чӣ гуна ташкил карда шудаст.

Ба масоиле, ки мустақиман ба муваффақияти ташкили КМ таъсир мерасонанд, мо инҳоро мансубият медиҳем: а) дараҷаи омодагии донишҷӯ ба фаъолияти маърифатӣ (ҳавасмандӣ ба таҳсил, одат ба меҳнати ақлонӣ); б) лаёқати кор кардан бо иттилоот (ҷустуҷӯ, таҳлил, хулосабарорӣ ва баҳодиҳӣ, яъне лаёқат ба тафаккури танқидӣ); хоҳиши ба таҷдиди дониши аз ҷониби омӯзгор пешниҳодшуда машғул нагардида, теънологияҳои муосири таҳсилотиро азхуд кардан; г) дараҷаи нокифояи методии таҷҳизонидани раванди ташкил ва гузаронидани КМ; д) номавҷудии муносибати низомнок ба ташкили КМ.

[1] Дорои чунин номҳоеанд, ки онҳо лоақал баъзе аз хусусиятҳои муҳими падидаи дар мафҳум инъикосёфтаро ошкор мекунанд (Мелников 1991).

Қисмати муҳими КМҳамчун фаъолияти маърифатӣ сабабнокӣ мебошад. Сабабнокӣ барои иҷрои КМ дар методика ҳамчун низоми мураккаб, вале босамараи сабабҳо фаҳмида мешавад, ки зери таъсири онҳо донишҷӯ фаъолияти худро ташаббус, танзим ва ҳифз мекунад, ба он мароқи лозимӣ ташаккул медиҳад, ҳамин тавр кулли мақсадҳо ба талаботи ботинӣ мубаддал мегарданд. Барои баланд бардоштани сифати ташкили КМ ташкилдиҳии сабабнокии устувор муҳим аст. Ҳалли масъала дар истифодаи тарҳҳои мухталифи педагогӣ дида мешавад, ки онҳо ба донишҷӯ барои идроки муҳим ва манфиатнок будани кори анҷомдодааш имкон медиҳанд.

Боз як талаботи ҷиддӣ ба ташкили дурусти КМ мақсадгузорӣ мебошад – фаъолияти ғайримақсадноки таълимӣ аслан вуҷуд доштан наметавонад. Омӯзгор бояд таваҷҷуҳи донишҷӯёнро муттасил ба ҳадафҳои кори барояшон пешниҳодшуда ҷалб созад, идроки ин ҳадафҳоро назора намуда, дар донишҷӯён тадриҷан қобилияти мустақилона мақсад гузоштан ва муайян кардани вазифаҳо барои иҷрои онро ташаккул диҳад. КМ-и дуруст ташкилдодашуда имкон медиҳад, ки чунин қобилиятҳо минбаъд на танҳо ташаккул дода шаванд, балки инчунин маҳфуз дошта шаванд.

Дар боби 2 **«Таъмини методии кори мустақилона»** талаботи асосие, ки ба китоби дарсӣ /дастури таълимӣ барои КМ оид ба забони русӣ гузошта мешаванд, мавриди баррасӣқарор мегиранд ва амсилаи чунин дастури таълимӣ барои доираи муайяни муҳассилин – донишҷӯёни қарақалпоқ ва ӯзбек пешниҳод карда мешавад. Бо вуҷуди он, ки КМ ҳамчун ҳалқаи асосӣ ва зарурӣ дар омодасозии донишҷӯён пазируфта мешавад, барои бисёр донишҷӯёни Ӯзбекистон он масъалаи ҷиддӣ мебошад (малакаҳои он, чун қоида, наметавонанд дар давоми таълими мактабӣ ташаккул дода шаванд), аз ин сабаб соли якуми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ дар азхудкунии фанҳои донишгоҳӣ мушкилот пеш меорад.

Амсилаи маҷмӯии тарҳрезии педагогии дастури таълимиро барои кори мустақилона оид ба забонирусӣ пешниҳод мекунем.

**Амсилаи омодасозии китоби дарсӣ / дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ барои донишҷӯёни ғайрифилолог**

**Меъёрҳои баҳогузории китоби дарсӣ дар асоси муносибати низомӣ-сохторӣ:**
-ҳамчун хулоса ва инъикос дар ҳамбастагии кулли падидаҳо ва равандҳои асосии соҳаи додашудаи объектӣ-шайъӣ;
-ҳамчун таҷассуми (маҳсули) низоми методӣ (консепсуалӣ);
-ҳамчун амсилаи раванди педагогӣ.

Сабабнокӣ:
-иҷтимоӣ;
-маърифатӣ;
-эмотсионалӣ;
-тартиботӣ;
-манфӣ.

**Салоҳият:**
-коммуникативӣ;
-креативӣ;
-тафаккури танқидӣ;
-лаёқати омӯхтан;
-ҳамкорӣ.

**Вазифаҳои кори мустақилона:**
-инкишофдиҳанда;
-сабабнокӣ;
-баҳодиҳанда;
-ташкилӣ-тамоилӣ;
-тарбиявӣ;
-назораткунӣ.

Бузургиҳои асосии китоби дарсӣ / дастури таълимӣ:

таъсиррасонии мутақобилаи ҳама қисматҳои низоми таълим

Мувофиқати муҳтавои китоби дарсӣ бо талаботи раванди педагогӣ

Дақиқияти ҳадафҳои пешгузошташуда ва мақсаднокии кулли раванди таълимӣ дар заминаи истифодаи китоби дарсӣ

ҷанбаи мундариҷавии китоби дарсӣ

Методикаи таълиме, ки асоси китоби дарсиро фаро мегирад




**Омилҳо ва шароитҳои таҳияи китоби дарсӣ / дастури таълимӣ**

мухотаб

баҳисобгирии хусусиятҳои хоси миллии бачаҳо

баҳисобгирии хусусиятҳои психологӣ ва иҷтимоии бачаҳо

шароитҳои муҳити забонӣ

иқтидори сабабнокии донишҷӯён

ҷоннок кардани фаъолияти маърифатӣ

**Принсипҳои таҳияи китоби дарсӣ / дастури таълимӣ:**
-коммуникативият;
-проблемавӣ будан;
-тафриқаи услубӣ;
-баҳисобгирии мушкилоти типӣ дар коммуникатсия;
-умумиятнокии мақсад;
-бечуръатӣ ва бетакаллуфӣ;
-саҳеҳияти маводи забонӣ.

**Вазифаҳои китоби дарсӣ / дастури таълимӣ:**
-такроркунандагӣ;
-иттилоотӣ;
-омӯзонанда;
-худназораткунанда.

**Технологияи таълим:**
-интерактивӣ;
-гуфтугӯӣ;
-иҷтимоӣ-фарҳангӣ;
-методҳои бозигӣ;
-методи тарҳҳо.

**Доираҳои муошироти нутқӣ:**
-иҷтимоӣ-маишӣ;
-касбӣ-меҳнатӣ;
-таълимӣ-илмӣ;
-иҷтимоӣ-фарҳангӣ;
-ҷамъиятӣ-сиёсӣ;
-маъмурӣ-ҳуқуқӣ.

Шарти асосии ташкили КМ дар вақти берун аз синф таъмин будани донишҷӯён аз адабиёти методӣ (китоби дарсӣ ё дастури таълимӣ) мебошад. Мактаби олии имрӯза «радда»-и пурраи китобҳои дарсиро оид ба ҳама гуна фан дорад. Чунин суханро доир ба таъминоти методии курси забони русӣ низ гуфтан мумкин аст: айни замон дастурҳои таълимӣ оид ба омӯзиши забони русӣаз ҷониби толибилмони хориҷӣ кофианд. Аммо дар байни китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии сершумор -- ҳам маҷмӯӣ ва ҳам гуногунҷанбавӣ -- китоби дарсӣ ё дастури таълимие, ки ба КМ-и муҳассилин «роҳарӣ» кунад, бо душвории зиёд пайдо мегардад. Албатта, ин гуна маводҳо вуҷуд доранд ва чоп шуда истодаанд, вале онҳо хеле каманд[2]. Ба фикри мо, масъалаи номавҷудии дастурҳои таълимии самарабахш ва барои истифода қулайи КМ оид ба забони русӣ дар муассисаҳои ғайризабонии миллӣҳолати хеле шадид дорад. Агар мо ҳақиқатан ҳам дастуреро таҳия кардан хоҳем, ки бо ёрии он донишҷӯ бо ҳаваси зиёд тавонад ба забон мустақилона шуғл варзад, он бояд пурмуҳтаво, мураттаб, барои кор мувофиқ, технологӣ ва зимнан ҳозиразамон бошад. Таҳлили вобаста ба адабиёти илмӣ гузарондаи мо имкон дод мавқеъҳои зерин, ки ба воситаҳои таълимӣбарои таълими КМ дахл доранд, ҷудо карда шаванд: 1) таъйиноти воқеӣ барои КМ-и донишҷӯён; 2) сабабнокии ба тарзҳои гуногун ифодаёфта (масалан, дастурамалҳо барои иҷро) барои иҷрои супоришҳо; 3) имконпазирӣ, дастрас будан барои азхудкунии мустақилона; забони сода ва фаҳмои дастурамалҳо барои супоришҳо; мавҷудияти калидҷавобҳо ба супоришҳои пешниҳодшаванда.

Дастурҳои дар таҷрибаи таълими забони русӣ мавҷудаи КМ-ро баррасӣ карда ва ҳусну қубҳи онҳоро ошкор гардонда, ба коркарди амсилаи дастури таълимӣ барои КМ оид ба забони русӣ барои доираи муайяни (додашудаи) муҳассилин рӯ меорем.

Дар мавриди мо чунин доира донишҷӯёни қарақалпоқи ихтисосҳои ғайрифилологӣ мебошанд. Чунин мешуморем, ки оид ба мавзӯи хусусиятҳои хоси ташкили КМ бо ин гуна донишҷӯён таваққуф кардан маънӣ дорад.

Ҳолати имрӯза ва амали забонирусиро дар Ӯзбекистон мавҷмӯан ва дар таҳсилоти донишгоҳӣқисман баррасӣ намуда, бояд ба ҳисоб гирифт, ки ғайр аз машғулиятҳои синфӣ, дар барномаи таълимӣ соатҳо барои кори мустақилона бо иштироки ҳатмии муаллим низ ҷудо карда мешаванд. Ин 1) имкони маҳз мустақилона кор кардан медиҳад; 2) ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки иттилоъ ё маслиҳатҳо оид ба иҷрои супоришҳоро ба даст оранд; 3) ба омӯзгоримкон медиҳад, ки КМ-и донишҷӯёнро назора кунад. Кори мустақилонаи донишҷӯён кори хеле масъулиятнок аст ва самаранокии он аз бисёр ҷиҳат маҳз ба салоҳияти касбии омӯзгор вобастагӣ дорад. Асоси дастури коркарднамудаи моро бояд қоидаҳои зерини методӣ фаро гиранд.

Мухотаби дастур. Омили мухотаб яке аз принсипҳои лингвистикаи педагогии тамоили инсонмеҳаврӣ (тибқи ақидаи В. В. Морковкин) мебошад, ки мувофиқи он муаллифи китоби дарсӣ бояд нафареро, ки ин китоби дарсӣ ба вай нигаронида шудааст, нағз тасаввур кардан тавонад. Агар сухан на аз хусуси

[2] Чун қоида, онҳо дар кафедраҳои дахлдори муассисаиҳои таҳсилоти олии ҷудогона омода мегарданд, бо теъдоди кам ба табъ мерасанд ва ба ҷомеаи васеи методӣ маълум нестанд.

дастури таълимии муқаррарӣ оид ба забони русӣ, балки аз хусуси дастури таълимии тамоили миллӣ, ё тавре чунин гуфтан маъмул шудааст, дастури таълимӣ барои доираи додашудаи толибилмон равад, пас на фақат маълумотҳои методӣ нисбат ба сатҳи азхудкунии забон, балки иттилооти дигар низ муҳим мегардад. Дастури таълимӣ барои донишҷӯёне таҳия мегардад, ки онҳо намояндагони фарҳанг, афзалиятҳои динӣ, ин ё он қолабҳои муайян мебошанд. Назардошти махсусияти тарзи ҳаёт, махсусиятҳои миллӣ, расму таомулҳо муҳим аст. Ин ҳама ҳангоми интихоби мавзӯи машғулиятҳо, маводҳои забонӣ, интихоби матнҳо вағайра нақши бузург мебозанд. Баҳисобгирии хусусиятҳои хоси психофизиологӣ ва иҷтимоӣ (синну сол, ҷинс, баромади иҷтимоӣ, ҷойи зист) ҳам зимни кор бо муҳтавои дастур зарур аст. Агар ин омилҳо ба ҳисоб гирифта нашаванд, онҳо метавонанд ба пайдоиши мушкилоти ҷиддӣ барои омӯзгор, масалан, номавҷудии сабабнокӣ барои хондани матнҳое, ки бо шавқу рағбати донишҷӯ мувофиқ намеоянд ё дар вай ҳисси ҷудоӣ бармеангезанд, оварда расонад. Ҳамчунин ба назар доштани махсусияти таълим дар мамлакат, анъанаҳои таҳсилотӣ, риояи меъёрҳои рафтор, мавҷудияти / номавҷудии фанни таълимӣ, имконият ё беимкониятии муошироти озодона бо намояндагони забон, яъне чӣ гуна будани шароитҳои муҳити забонӣ (табиӣ / сунъӣ) зарур аст. Азбаски доираи додашудаи толибилмон -- донишҷӯёни ӯзбек ё қарақалпоқи муассисаҳои таҳсилоти олии Қарақалпоқистон / Ӯзбекистон -- хатмкунандагони дирӯзаи мактабҳои миёнаанд, таҳиягари дастур барои КМ-и маҳз ҳамин толибилмон бояд нуктаҳои зеринро ба ҳисоб гирад.

Ба донишҷӯёни қарақалпоқ меҳнатдӯстӣ, интизомнокӣ, итоат ва эхтиром ба калонсолон, мушоҳидакорӣ ва кунҷковӣ хосанд, бисёре аз махсусиятҳои миллии тарбияи номбаркардаи мо зимни таълим барои омӯзгорони забони русӣ мушкилот ба амал меоранд. Ба зумраи чунин мушкилот, пеш аз ҳама, мо инҳоро ворид мекунем: 1)хоксорӣ ва карахтӣ; 2) камфаъолиятӣ; 3) тарс аз ҳар гуна танқид; 4) қобилият надоштан / хоҳиш надоштан ба фаъолияти мақсаднок; 5) идрок ва азхудкунии сусти маводи нави таълимӣ; 6) тарси зиёд ё беҷуръатӣҳангоми иҷрои супоришҳои мубоҳисавӣ ё ташкили гуфтугӯ.

Новобаста аз таъсири манфии хусусиятҳои номбаршудаи рафтор ва тарбия, ки ба донишҷӯёни қарақалпоқ хосанд, ба раванди маорифи муосир, муаллими забони русӣ метавонад ва бояд зимни ташкили КМ хулосаҳои муайян барорад. Қоидаи дуюме, ки мо барои сохтани амсилаи дастури оянда муҳим мешумоем, босаводона гузоштани мақсадҳо мебошад, зеро фақат чунин муносибат метавонад натиҷаи босамараи КМ-ро ба бор орад. Мақсади мо аз он иборат аст, ки донишҷӯ бояд КМ-ро бо дастури таълимӣҳамчун фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ бипазирад, ки дар натиҷаи он вай метавонад на танҳо маводи забониро азхуд кунад, балки инчунин малакаҳои устувори КМ-ро барои истифода дар фаъолияти таълимӣ-касбӣҳосил намояд. Қоидаи сеюме, ки беш аз ҳама муваффақияти иҷрои КМ аз ҷониби донишҷӯён бо он вобастагӣ дорад, сабабнокӣ мебошад. Барои мустақилона кор кардан бо дастури таълимӣ оид ба забони русӣ донишҷӯ на ҳамеша омода аст, балки, чун қоида, он гоҳ омода аст, ки ин ба мақсадҳои вай ҷавобгӯ бошад ва барои фаҳмиши худи маводи забонӣ ва кор бо он барояш

душвориҳо пайдо нагарданд. Аммо муваффақияти КМ аз он вобаста аст, ки имкониятҳои сабабнокие, ки дар дастури таълимие, ки донишҷӯ бо он кор мекунад, то кадом дараҷа зуҳур меёбанд ва истифода карда мешаванд. Қоидаи чаҳорумро, ки дар асоси сохтани амсилаи дастури таълимӣ барои КМ ҷой гирифтааст, чунин тавҷеҳ кардан мумкин: фаъолияти мустақилона фаъолияти пурсамараи маърифатии донишҷӯ мебошад. Фаъолгардонӣ дар мавриди мазкур ҳамчун кӯшиши донишҷӯ барои ҷустан ва ёфтани ҳалли гуногун барои бадаст овардани натиҷаи ниҳойфаҳмида мешавад. Барои ин дар дастури таълимии коркардшаванда татбиқ намудани чунин низоми супоришҳо зарур аст, ки он ба инкишофи тафаккури мантиқии донишҷӯён мусоидат кунад, эҳтимол малакаҳои тафакури танқидиро тавассути машқҳо барои таҳлил, хулосабарорӣ ва баҳогузории иттилооти бадастоварда ташаккул диҳад, маҷмӯан рағбат ба забони мавриди омӯзишро афзоиш диҳад. Бо ёрии чунин супоришҳо толибилмон метавонанд тадриҷан чизеро, ки ҳамеша ба назарашон мураккаб ва шояд дастнорас метофт, азхуд кунанд.

Ҳангоми таҳияи дастурҳои таълимии методӣ барои КМ оид ба забонирусӣ муаллиф-таҳиягар бояд инҳоро ба назар гирад: проблемавӣ будани маводи пешниҳодшаванда, равиши коммуникативии дастурамалҳо, забонва метазабони сода ва фаҳмои дастур; бомантиқӣ, дастрасӣ ва содагии мундариҷа, ки омӯзиши мустақилонаи забонро таъмин мекунад; тағйирот ва гуногунии супоришҳо, «наздик кардан»-и онҳо ба олами воқеӣ; таъмини худсанҷиш, калидҳо ба супоришҳои лексикӣ-грамматикӣ; ҳаҷми афзояндаи супоришҳо барои иҷрои мустақилона ва сарфи вақти умумӣ барои иҷрои онҳо.

Омилҳои асосие, ки ба муваффақиятнокии таълими мустақилона таъсир мерасонанд, инҳо мебошанд: 1) тамоили дастури таълимӣ ба доираи мушаххаси толибилмон; 2) дар талабагон ташаккул додани мақсадгузории дуруст; 3) иқтидори сабабнокие, ки дар дастури таълимии махсусонидашуда ҷой дорад; 4) ҷоннок намудани фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ бо ёрии низоми супоришҳое, ки ба донишҷӯён пешниҳод карда мешаванд. Амсилаи мавриди тарҳрезии мо бояд ба ҳадди ниҳоӣ сода, дастрас ва мароқангез бошад. Ба таври дигар гӯем, мо бояд ба дастури таълимии коркардшаванда вазифаҳои навигаторрро оид ба малакаҳои фаъолияти мустақилонаро азхуд кардани донишҷӯён ворид намоем.

Амсилаи дастур сеқисма мебошад, ки ҳар қисми он қисматҳои муносиби сохтории худро дорад:




Дар боби 3 **«Баҳогузории озмоишии дарси забони русӣҳамчун қисмати асосии дастури таълимии таҳияшаванда барои кори мустақилона»** асоси назариявӣва таҳлили натиҷаҳои санҷиш оид ба забони русӣ бо унсурҳои таълими санҷишӣҷойгир мебошад.

Муайянсозии дараҷаи азхудкунии забони русии нафароне, ки амсилаба онҳо нигаронида шудааст, масъалаи ҷиддиест, ки бе ҳалли он амсилаи дастури таълимии аз ҷониби мо тарҳрезишавандаро сохтан имкон надорад. Ҳамин тавр, гузаронидани пурсиши тестии вурудӣ дар мавриди мо давраи зарурии кор аз болои дастури таълимӣ мебошад. Масъалаи муайян кардани дараҷаи забони русиро азхуд кардани донишҷӯёни қарақалпоқ ва ӯзбек аз номавҷудии пурсиши тестӣ оид ба забон ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии Ӯзбекистон иборат аст. Дар натиҷаи ин муаллими забони русӣ, ки бо донишҷӯёни курси якум кор мекунад, наметавонад бо эътимод гӯяд, ки донишҷӯёни вай дар оғози таълим кадом сатҳи азхудкунии забони русиро нишон додан метавонад. Ҳамин тариқ, гузаронидани пурсиши тестии донишҷӯёни курси якум оид ба забони русӣ дар мавриди мо аз лиҳози методӣ мувофиқи мақсад ва давраи зарурии амсиласозии методӣ мебошад.

Супоришҳои тестӣ бо такя ба Стандарти давлатии таҳсилот [1: 27] таҳия карда шуданд. Мо се намунаи тестро омода сохтем, ки ҳар яки он супоришҳоро аз «тестҳои типӣ» [2: 31) барои дараҷаҳои A1, A2, B1 фаро мегирифт. Чунин интихоб бо он фаҳмонда мешавад, ки дараҷаи забони русиро азхуд кардани донишҷӯён номаълум аст (чунон ки мо инро дар боло шарҳ додем) -- бовармандона фақат аз он сухан гуфтанмумкин аст, ки ба курси 1 донишҷӯёни шомили дараҷаҳои мухталифи омодагии забонӣ дохил мешаванд. Фаҳмост, ки тести таҳиякардаи мо барои дурустии мутлақи методӣ иддао кардан наметавонад, аммо барои ба даст овардани мақсадҳои дар пеш гузоштаи худ мо стратегияи интихобкардаамонро имконпазир ҳисобидем.Ҳамин тавр, фаъолиятро оид ба иҷрои супоришҳои ба донишҷӯён пешниҳодшударо пурсиши тестии озмоишӣ шуморидан мумкин аст. Ҳадафи пурсиши тестии озмоишӣ аз инҳо иборат мебошад: а)муайян кардани дараҷаи намунавии азхудкунии забони русӣ аз ҷониби донишҷӯёни курси якум ва,

натиҷаҳои бадастомадаро ба асос гирифта, б) ҷудо кардани доираи падидаҳои забоние, ки барои ҳатман ворид намудан ба дастури таълимӣ барои КМ оид ба забони русӣ барои донишҷӯёни ғайрифилологи ӯзбек ва қарақалпоқи шомили дараҷаи гуногуни омодагии забонӣмуносибанд.

Пурсиши тестии озмоишӣ аз 5 бахш иборат буд: супоришҳои лексикӣ-грамматикӣ, хониш, шунидан, навистан, сухангӯйӣ. Натиҷаҳои бадастоварда аз он гувоҳ буданд, ки аксарияти донишҷӯёни дар пурсиши тестӣ ширкатварзида (65, 3 %) дараҷаи поёни ташаккули салоҳиятмандии комуникативиро нишон доданд, 34, 7 % бошанд, дараҷаи миёнаро. Чунин натиҷа нишон дод, ки салоҳиятмандии лексикӣ ва грамматикии бисёр донишҷӯёни ғайрифилолог кам ташаккул ёфтааст.

Гузарондани машғулият оид ба дарси тартибдодашуда дорои аломатҳои таълими таҷрибавӣ мебошад. Дар давраи аввал сохтори муносиби машғулият коркард намуда ва дар асоси он дарси дастури таҳиянамудаи мо омода гардонда шуд. Давраи дуюм аз гузаронидани дарси коркардшуда бо донишҷӯёни ғайрифилологи курси 1-ум бо мақсади баҳодиҳии самарабахшии он иборат буд. Дар давраи сеюм кор оид ба таҳлили натиҷаҳои бадастоварда сомон дода шуда, ҳамчунин хулосаҳо оид ба самарабахшии супоришҳои дар дарси дастури таълимӣ пешниҳодшуда бароварда шуданд.

Аз рӯйи натиҷаҳои кори диссертатсионӣҳадафҳо ва вазифаҳои пажӯҳиш муайян карда шуданд, ки онҳо аз тафтиши амсила иборат буданд: 1) тафтиш кардан ва баҳогузорӣ намудани донишҳое, ки донишҷӯён оид ба забони русӣ дар ҷараёни КМ ба даст оварданд ва 2) муайян кардани хусусиятҳои методии машғулияти мазкур, ки он дарси типии амсилаи тарҳрезишудаи дастури таълимӣ оид ба кори мустақилона буд.

Андозагириҳои санҷишӣҳама давраҳои пажӯҳиши таҷрибавӣ-озмоиширо фаро мегирифтанд: муқарраркунанда (2014-2015), ташкилдиҳанда (2016-2017) ва санҷишӣ-хулосавӣ (2017-2018). Таҳлили натиҷаҳои бадастомада тамоили афзоиши нишондодҳои донишҷӯёни ГО-ро нишон медиҳад, ки онҳо дар сатҳи «баланд» қарор доранд. Таҳарруки афзоиш аз рӯйи меъёрҳо чунин аст: сабабнокӣ-арзишӣ -- 3, 6 баробар, когнитивӣ -- 2, 5 баробар, рефлексивӣ-фаъолиятӣ -- 3, 9 баробар. Афзоиши мутаносиб дар ГС мувофиқи ҳамон қисматҳо зикр карда шуд: 1, 3; 2, 1; 2, 2 баробар.

Ихтисоршавии зиёди миқдори таълимгирандагони ГО, ки онҳо дар сатҳи «поён» буданд, ба қайд гирифта шуд: дар асоси меъёри сабабнокӣ-арзишӣ -- 3, 8 баробар, когнитивӣ -- 1, 7 баробар, рефлексивӣ-фаъолиятӣ -- 1, 6 баробар (дар ГС афзоиши онҳо мутаносибан 1, 3; 1, 4; ва 1, 6 баробарро ташкил дод).

Санҷиши натиҷабахшии рушди салоҳияти коммуникативӣ дар донишҷӯёни ғайрифилолог дар раванди КМ дар курсҳои аввали бакалавриати ду факултаи техникии Донишгоҳи давлатии Қарақалпоқистон аз амали беҳтарини амсилаи муаллифии таҳияи дастури таълимӣ барои КМ оид ба забони русӣ барои донишҷӯёни ғайрифилолог шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, хулоса баровардан мумкин аст, ки кори таҷрибавӣ-озмоишӣ самаранокии амсилаи пешниҳодшудаи таҳияи дастури таълимиро барои КМ оид ба забони русӣ барои донишҷӯёни ғайрифилолог нишон дод. Таҳлили натиҷаҳои

таълими озмоишӣ оид ба тасдиқи фарзияи пешниҳодшудаи пажӯҳиши илмӣ имкон медиҳад, ки масоили онро ҳалшуда ба ҳисоб оварем.

Гузарондани машғулиятҳо аз рӯйи дарси таҳиякардаи мо нишонаҳои таълими санҷиширо доро мебошад: 1) коркарди сохтори машғулият ва омодагардонии дарси дастури таълимии тарҳрезишуда; 2) гузарондани дарс дар гурӯҳи озмоишӣ. Ҳамчунин дар давраи мазкур дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва озмоишӣ мутаносибан пурсиши тестӣ, ки аз рӯйи маводҳои дарси таҳиякардашуда омода гашта буд, баргузор карда шуд; 3) таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳо оид ба самаранокии супоришҳои дар дарси дастури таълимӣ пешниҳодшуда. Маҷмӯан таълими санҷишии гузарондашуда ба ҳадафҳои гузошташуда ноил гардид. Хулосаҳое, ки дар натиҷаи дарси санҷишӣ ба даст оварда шуданд, барои тасҳеҳи дарси дастур ҳамчун асос хидмат карданд.

Дар Ҷамъбаст натиҷаҳои пажӯҳиш баён карда ва хулосаҳои асосӣ тавҷеҳ дода шуданд.

Масъалаи коркарднамудаи мо «Тарҳрезии педагогии дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ(барои донишҷӯёни ғайрифилологи қарақалпоқ ва ӯзбек) тибқи ғояҳои салоҳиятмандии коммуникативӣ дар ҷараёни таълими забони русӣ ба донишҷӯёни ғайрифилолог таҳия карда шуд. Дар заминаи омӯзиши манбаъҳои назариявӣфаҳмидани КМ ҳамчун фаъолияти маърифатӣ, амсилаи омодасозии дастури таълимӣ барои КМ оид ба забони русӣ барои донишҷӯёни ғайрифилолог, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, аз ҷумла технологияи таълими модулӣ, гузарондани дарсҳои муаррифӣ, методҳои бозигии таълими КМ, омодагардонии донишҷӯён ба ҳамкории педагогӣ дар шароити коммуникатсияи байналмилалӣ ва ғайра, шароитҳои дидактикӣ, принсипҳо ва меъёрҳои таҳияи дастури таълимӣ барои КМ оид ба забони русӣ пешниҳод карда шуданд,дар талабот барои гузарондани КМ дар мактаби олӣ инъикос ёфтанд, ки онҳоро на чандон олимони методист, балки зиёдтар худи шароитҳои бадастоварии таҳсилот дар ҷаҳони муосир пеш гузоштаанд.

2. Мо чунин меҳисобем, ки муҳимтарин шароитҳо барои гузаронидани КМ ҳамчун фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ барои донишҷӯён, ҳадди ақал, сабабнокии устувор ва мақсадгузории мустақилона мебошад, барои муаллимон муваффақиятнокии ташкили КМ аз низомнокии гузаронидани он вобаста аст.

3. Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ нишон дод, ки ба масъалаҳои ҷиддие, ки мустақиман ба муваффақият / бемуваффақиятии ташкили КМ таъсир мерасонанд, инҳо мутааллиқанд: а) дараҷаи омодагии донишҷӯ ба фаъолияти таълими-маърифатӣ;б) қобилияти кор кардан бо иттилоот, сар карда аз ҷустуҷӯи он, баъд таҳлил, хулосабарорӣ ва баҳодиҳӣ, яъне қобилият ба тафаккури танқидӣ; в) хоҳиши азхудкунии технологияҳои муосири таҳсилотӣ, яъне омӯхтани «омӯхтан», ба таҷдиди дониши пешниҳодкардаи муаллим шуғл наварзида, балки кӯшиши мустақилона барои «зада гирифтан»-и он; г) таҷҳизи нокифояи методии раванди ташкил ва гузарондани КМ; д) номавҷудии муносибати муназзам ба ташкили КМ бо сабаби ихтисосмандии нокифояи омӯзгор.

4. Рафъи масоили дар боло зикрёфта имконият медиҳад, ки аз фаҳмиши КМ ҳамчун яке аз шаклҳои одии таълим ба фаҳмиши он ҳамчун фаъолияти мураккаби

таълимӣ-маърифатии донишҷӯ гузариш анҷом дода шавад, ки ҳалқаи муҳими он таъминнокии раванди КМ бо маводҳои созгори методӣ, аз ҷумла бо воситаҳои таълимӣ -- дастурҳои махсуси таълимӣ барои КМ, масалан барои таълими забони русӣ мебошад. Фақат чунин муносибат имкон медиҳад, ки лаёқатҳо ва малакаҳои зарурӣ на танҳо барои баланд бардоштани азхудкунии забони русӣ, балки инчунин барои омодагардонӣ ба фаъолияти ояндаи касбӣ маҷмӯан ташаккул дода шаванд.

5. Дар пажӯҳиши диссертатсионӣ санҷиши амсила ва татбиқи натҷаҳои кор, ки ба иҷрои як қатор шароитҳо оид ба тарҳрезии педагогии дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ барои донишҷӯёни ӯзбек (қарақалпоқ) вобастаанд, тавассути чунин роҳҳо исбот карда шуд: а) баррасии хусусиятҳои хоси миллӣ-фарҳангии доираи додашудаи толибилмон, зеро баҳисобгирии на фақат махсусиятҳои забони модарии толибилмон, балки инчунин хусусиятҳои рафтории миллӣ-фарҳангии донишҷӯён, тарбияи таҳаммулпазирӣ, ҳамдиливу ҳамдардии онҳо муҳим аст, зимнан баъзе аз хусусиятҳои баррасишуда барои муаллими забони русӣ, маҳз ба ташаккулдиҳии малакаҳо ва лаёқатҳои фаъолияти мустақилона барои азхудкунии маводи дарсӣ як навъ монеа ба вуҷуд меоранд; б) таҳлили фарқиятҳои донишҷӯён дар сатҳи азхудкунии забони русӣ зимни номавҷудии низоми давлатии дараҷавии тестӣ дар мактаб ва муассисаи таҳсилоти олӣ; в) тавсифи тағйирот дар мақоми забони русӣ дар ҶӮ бо сабаби номавҷудии муҳити мукаммали забони русӣ дар соҳаҳои иҷтимоии-фарҳангӣ, илмӣ-маърифатӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсии ҳаёти мамлакат, ки забони русӣ барои омӯзандагон моҳиятан ҳамчун забони хориҷӣ гардид.

6. Таҳлили дастурҳои таълимии мавҷуда барои кори мустақилонаи донишҷӯён оид ба забони русӣ нишон дод, ки онҳо бояд, якум, хусусиятҳои мутааллиқ ба воситаҳои таълими фаъолияти мустақилона дошта бошанд; дуюм, ба талаботи технологияҳои асри ХХ1 мувофиқат кунанд. Омилҳои асосие, ки ба муваффақияти таълими мустақилона бо ёриивоситаҳои самарабахши таълим таъсир мерасонанд, инҳо мебошанд: 1) самтгирии дастури таълимӣба доираи мушаххаси таълимгирандагон; 2) дар толибилмон ташаккул додани мақсадгузории дуруст дар раванди кор бо воситаи таълимӣ; 3) иқтидори сабабнокие, ки дар дастури махсусонидашудаи таълимӣҷой карда шудааст; 4) ҷоннок намудани фаъолияти маърифатии мустақилона бо ёрии низоми супоришҳои дар дастури таълимӣ барои донишҷӯён пешниҳодшуда.

7. Мо асосноккунии ташкили сохторӣ-таркибии амсилаи тарҳрезишудаи дастури таълимӣ барои кори мустақилонаро масъалаи муҳим ба шумор меорем, ки ба ҳалли он аз ҷумла пажӯҳиши мазкур бахшида шудааст. Амсилаи тарҳрезишуда якҷоя кунондани се намуди воситаҳои таълимро талаб мекунад: китоби дарсӣ, маълумотнома (луғати тафсирӣ ва маълумотномаи грамматикӣ) ва дастурамал-навигатор.

8. Зарурати дар давраи ҷамъбастии коркард гузаронидани озмоиши густардаи методиро (дар шакли таълими таҷрибавӣ) дар гурӯҳҳои мухталиф (дар мавриди мо -- донишҷӯёни ғайрифилологи курси якуми факултаҳои техникӣ), ки аз гузарондани машғулиятҳо тибқи маводҳои дастури тарҳрезишуда иборат аст, мо

яке аз шароитҳои ҳақиқатан ҳам самараноки дастури таълимӣ барои кори мустақилонаи донишҷӯён оид ба забонирусӣ меҳисобем.

Зикр мекунем, ки таҳияи амсилаи дастури таълимии пешниҳодкардаи мо барои кори мустақилона оид ба забони русӣ бе самтгирӣ ба дараҷаи забони русиро азхуд кардани донишҷӯён, ки мухотаби чунин воситаи таълимӣ мебошанд, имконнопазир аст. Муайянсозии ин дараҷаро мо давраи муҳим ва зарурии кор аз болои тарҳи дастур ба шумор меорем. Гузаронидани пурсиши тестии вурудӣ бо зарурати таҳияи тестҳое, ки барои дараҷаҳои гуногуни азхудкунии забони русӣ супоришҳоро фаро мегиранд, вобастагӣ дошт. Мо инро масъалаи алоҳидаи лингвистӣ мешуморем, ки онро дар ҷараёни кор оид ба пажӯҳиши диссертатсионӣҳал кардем. Натиҷаҳои дар анҷоми пурсиши тестӣ бадастомада имкон доданд, ки мо омилҳои забониеро ошкор созем, ки онҳо бояд ҳатман ба дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ дохил карда шаванд.

9. Ба маълумотҳои пажӯҳишҳое, ки мо дар гурӯҳҳои мухталифи донишҷӯёни ғайрифилологи курси якуми факултаҳои техникӣ гузарондем, такя намуда, имконпазир гашт, ки меъёрҳои ташаккули салоҳиятҳои коммуникативие муайян гарданд, ки бояд онҳо бо хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олӣ -- мутахассиси техникӣ дар мувофиқа бошанд: қисмати сабабнокӣ-шахсиятӣ, мукаммалии низоми дониши психологӣ-педагогӣ, тахассусӣ ва методӣ; зудӣ ва дараҷаи зоҳир намудани худназорати амали таълимӣ-педагогии худ, ки он ба худбаҳодиҳии ширкат дар амал айният дорад; рафтори худ ва ислоҳи он.

Тестҳои озмоишие, ки супоришҳои лексикӣ-грамматикӣ, супоришҳо барои хониш, шунидан, навистан ва сухангӯйиро фаро мегиранд, имкон доданд, ки оид ба сатҳи азхудкунии забони русӣ аз ҷониби аксарияти донишҷӯён, ки дар пурсиши тестии вурудӣ (дараҷаи А1) ширкат варзиданд, натиҷаҳои муътамад ба даст оварем.

10. Намунаи таҷрибавии дарси дастури таълимии тарҳрезишуда таҳия карда шуд: а) бо назардошти ҳамон бузургиҳои машғулият барои кори мустақилона, ки онҳоро мо дар пажӯҳиши диссертатсионӣбахшида ба асосҳои методии амсилаи дастури таълимӣ барои кори мустақилона мавриди баррасӣқарор додем; б) дар асоси натиҷаҳои пурсиши тестии вурудии озмоишӣ бадастомада. Масъалаи ҷудогонае, ки дар ҷараёни пажӯҳиш ҳалли худро ёфт, гузаронидани машғулиятҳо тибқи намунаи таҳиягаштаи дарси дастури тарҳрезишуда, яъне таълими таҷрибавӣ буд. Ҳалли масъалаи мазкур аз се марҳила иборат буд: 1) коркарди сохтори машғулият, ки дар асоси он дарси намунавӣ таҳия карда шуд; 2) гузарондани дарси таҳиякардашуда (дар чаҳорчӯбаи дастур барои кори мустақилона оид ба забонирусӣ) бо донишҷӯёни ғайрифилологи факултаҳои техникӣ бо мақсади арзёбии самарабахшиии он; 3) таҳлили натиҷаҳои бадастомада, инчунин хулосаҳо оид ба самарабахши супоришҳои дар дарси дастури таълимӣ пешниҳодшуда.

11. Чунин мешуморем, ки мақсади гузарондани таълими таҷрибавӣ, ки аз тафтиш ва баҳодиҳии донишҳои оид ба забони русӣ дар раванди кори мустақилона ҳосилкардаи донишҷӯён иборат буд, амалӣ гардид. Тафтиши хусусиятҳои методии машғулиятҳо, ки дарси типии амсилаи тарҳрезишудаи дастури таълимӣ оид ба кори мустақилона мебошад, дар маҷмӯъ аз лиҳози методӣ мувофиқи

мақсад будани онҳоро тасдиқ намуд. Зимнан таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда бо сароҳати кофӣ на фақат зарурати тасҳеҳи қисми муайяни маводи забонӣ, балки инчунин асбобу анҷоми методиро, ки барои тавсеаи имкониятҳои дастур барои ташаккули сабабнокӣ ва мақсадгузорӣ дар омӯзиши мустақилонаи забон мусоидат мекунад, нишон дод.

12. Амсилаи таҳиякардаи мо ҷиҳати омодасозии китоби дарсӣ / дастури таълимӣ барои кор оид ба забони русӣ барои донишҷӯёни ғайрифилолог пешбинӣ мекунад, ки дар ҷараёни таълим асбобҳои аёнӣ (ҷадвалҳо, нақшаҳо, намунаҳои созгор), ТСО (истифодаи компютер, тахтаи интерактивӣ, проектори мултимедиавӣ), адабиёти илмӣ ва маълумотӣ; иттилооти интернет, муаррифиҳои электронӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гиранд. Натиҷаи амсила дар таҳарруки мусбати афзоиши муваффақиятнокии иҷрои супоришҳо ва мушкилоте, ки ҳангоми иҷрои онҳо пайдо мешаванд, зуҳур меёбад. Ҳама қисматҳои амсила байни якдигар вобастагии мутақобила доранд, онҳо ҳамчун воҳиди яклухт амал мекунанд. Кори озмоишӣ азҷониби мо бо тафтиши гунонтарафа амалӣ гардонда шуд.

Тафтиш ва шароити ташаккулдиҳии салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёни ғайрифилолог дар шароити фаъолияти мустақилона ғояҳои асосии фарзияро ба миён оварда, иҷропазирии амалӣ ва воқеиятнокии худро исбот намуданд. Озмоиш дар се давра баргузор гашт: муқарраркунанда, ташкилдиҳанда, ҷамъбастӣ.

Натиҷаҳои пажӯҳиши «Тарҳрезии педагогии дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ (барои донишҷӯёни ғайрифилологи қарақалпоқ ва ӯзбек)»-ро хулоса карда, муаллиф чунин пешниҳод менамояд.

1. Таҷриба кардани муошırати озоду кушод, яъне истифода бурдани усули демократии роҳбарӣ аз болои фаъолияти донишҷӯён, кӯшиш ба харҷ додан барои ташкили ҳамкории баробарҳуқуқона бо ҳама донишҷӯён.

2.Саъй варзидан барои дастгирии ҳама гуна муваффақият дар фаъолияти таълимӣ ва танҳо ба танқиди хайрхоҳона роҳ дода, донишҷӯёнро барои натиҷаҳои беҳтарин ҳавасманд гардондан.

3.Якбора дастурҳои мақсаднокӣ ва сабабнокӣ додан барои иҷрои супоришҳои гуногун ва зимнан натиҷаҳои бадастомадаро ба таври аёнӣ нишон додан.

4.Фаъолона истифода бурдани кори мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълим. Зимнан дар вақти зарурат маслиҳат додан, назорат кардан ва ёрӣ расондан.

5.Интихоби шаклҳо, тарзҳо ва технологияҳои таълими проблемавӣ, ки хусусиятҳои хоси сатҳи муайяни таҳсилотро ба ҳисоб мегиранд, бояд бартарӣ дошта бошад.

6. Ба фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён, баланд бардоштани сабабнокӣ, омодагии онҳо ба худомӯзи дар тӯли тамоми ҳаёт аҳамияти зиёд додан.

7.Фароҳам овардани шароите, ки ба ҳамкории тарафайни самараноки муҳассилин ва омӯзгорон дар соҳаи муошırати байнифарҳангӣ имконият медиҳад.

Табиист, ки пажӯҳиши баргузоркардаи мо мукаммал будан наметавонад ва ҳамчун яке аз гунаҳои имконпазири ташаккулдиҳии салоҳиятҳои коммуникативӣ ва касбии донишҷӯёни ғайрифилолог барои гузарондани кори мустақилона оид ба забони русӣ мебошад. Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии дар рафти кори озмоишӣ санҷидашуда метавонанд дар амалияи таълими фанҳои лингвистӣ-дидактикӣ дар мактаби олӣ мавриди истифода қарор гиранд. Натиҷаҳои бастаомада низ метавонанд ба сифати асоси назариявӣ барои ҷустуҷӯи илмии минбаъда ва ҳалли масоили амалии омодасозии касбии мутахассисони техникӣ ва математикии оянда хидмат кунанд.

**Мазмуни асосии пажӯҳиши диссертатсионӣ дар мақолаҳои муаллиф инъикос ёфтааст:**

**Мақолаҳо дар нашрияҳое, ки ба феҳрасти КОА ворид карда шудаанд:**

1. **Бекмуратова, У. А.** Учет национальных особенностей студентов при организации самостоятельной работы по русскому язык /У. А. Бекмуратова// Успехи современной науки и образования. – 2017. – № 6. – Т.2. – С. 71-74.
2. **Бекмуратова, У. А.** Учебник в аудитории vs. учебное пособие для самостоятельной работы по русскому языку как неродному /У. А. Бекмуратова // Мир науки, культуры, образования. – 2017. – №3 (64). – С. 51-53.
3. **Бекмуратова, У. А.** Чтение как форма самостоятельной работы при обучении русскому языку как неродному студентов-каракалпаков / **У. А. Бекмуратова** // Международный аспирантский вестник. Русский язык за рубежом. **– М., 2017. – № 3. – С. 13-17.**
4. **Бекмуратова У. А.** Самостоятельная работа как методический феномен / У. А. Бекмуратова // Вестник педагогического университета.Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. – 2018. – №3 (75). – С. 43-49.

***В других российских и международных журналах и конференциях:***

5. **Бекмуратова, У. А**. О самостоятельной работе в обучении русскому языку как иностранному / У. А. Бекмуратова // Языковое образование в вузе: теоретический и прикладной аспекты: сборник статей международной научно-практической конференции / Колл.авт.; отв.редактор Г. М. Мандрикова. – Новосибирск: Изд-во НГТУ, 2015. – С. 254-257.
6. **Бекмуратова, У. А**. Русский язык в Узбекистане: современное состояние и функционирование / У. А. Бекмуратова//Межкультурная коммуникация: лингвистические аспекты: сб. тр. VIМеждунар. науч.-практ. конф. (Новосибирск, 22-23 апр. 2015 г.) – Новосибирск: Изд-во НГТУ, 2015. – С. 7-10.
7. **Бекмуратова, У. А.** Особенности организации самостоятельной работы по русскому языку как иностранному в каракалпакской аудитории / У. А. Бекмуратова // Языковое образование в вузе: Материалы междунар. науч.-практ. конф. (3-4 марта, Новосибирск, 2016): сб. науч. ст. – Новосибирск: Изд-во НГТУ, 2016. – С. 175–180.

8. **Бекмуратова,У. А.** Каким должен быть учебник для самостоятельной работы по РКИ / У. А. Бекмуратова// Русский язык в полиэтничном регионе: международная межвузовская научно-практическая конференция для молодых ученых, иностранных студентов, магистрантов и аспирантов (Элиста, 24-26 октября 2016 г.):Материалы / ред.кол.: Е. В. Голубева [и др.]. – Элиста: ЗАОр «НПП «Джангар», 2016. –С. 38–47.

9. **Бекмуратова, У. А**. Учебник для самостоятельной работы как фактор повышения изучения русского языка как неродного студентами-каракалпаками / У. А. Бекмуратова// Язык. Коммуникация. Культура: Сборник материалов Первой заочной международной научно-практической конференции молодых ученых / Отв.ред. В. В. Богуславская. – М.:Ред.отдел.Гос. ИРЯ им. А. С. Пушкина, 2017. – С. 45-49.

10. **Бекмуратова, У. А**. Инновационные технологии в преподавании русского языка: учим студента или преподавателя? / У. А. Бекмуратова,Г. М. Мандрикова// Приоритетные направления использования технологий обучения разносистемным языкам: Сборник научно-методических статей. – Ташкент: Изд-во ТГПУ имени Низами, 2017. – С. 140-144.

11. **Бекмуратова, У. А**. Самостоятельное (домашнее) чтение как способ формирования монологической речи студентов-каракалпаков / У. А. Бекмуратова / Студенческий форум стран ШОС: Сборник материалов (Новосибирск, 6-7 июня 2017г.). – Новосибирск, 2017.– С. 58-60.

12. **Бекмуратова, У. А.** Учебное пособие для самостоятельной работы по русскому языку как неродному для студентов-каракалпаков: проблемы и перспективы / У. А. Бекмуратова / Довузовский этап обучения в России и мире: язык, адаптация, социум, специальность: Сборник статей 1 Международного конгресса преподавателей и руководителей подготовительных факультетов: 2 частях. – Москва, Изд-во РУДН, 2017. – С. 72-74.

13. **Бекмуратова, У.А**. Формирование языковой компетенции учащихся-каракалпаков: существующие барьеры и возможности их преодоления / У.А. Бекмуратова / Актуальные вопросы реализации образовательных программ на подготовительных факультетах для иностранных граждан: Сборник статей 3 всероссийской научно-практической конференции / Отв.редактор М. Н. Русецкая, Е. В. Колтакова.– М.: Гос. ИРЯ им. А. С. Пушкина, 2018.– С. 101-105.

## Мақолаҳои истифодашуда

1. Государственный стандарт по РКИ. Элементарный уровень. – М.– СПб.: Златоуст, 2001. – 27 с.

2. Государственный стандарт по РКИ. Базовый уровень. – М.–СПб.: Златоуст, 2001. – 31с.

3. Государственный стандарт по РКИ. Первый уровень. Общее владение. – М.–СПб.: Златоуст, 2001. – 32 с.

4. Зимняя, И. А. Педагогическая психология: учебник для вузов/ И. А. Зимняя// – М.: МПСУ, 2010. – 256 с.

5. Мирзиёев, Ш. М.Указ о стратегии действий по дальнейшему развитию Республики Узбекистан / Ш. М. Мирзиеев // №УП- 4947. – 2017. – С.

6. Мирзиёев, Ш.М. Постановление о мерах по дальнейшему развитию системы высшего образования / Ш.М. Мирзиеев // № ПП-2909. Газета « Народное слово» – 2017, 21 апреля. – №79 (6743).

7. Мирзиёев, Ш.М. Постановление о программе комплексных мер по развитию системы издания и рспространения книжной продукции, повышению культуры речи / Ш. М. Мирзиёев // №ПП- 3271. Газета « Народное слово». – 14 сентября. – 2017. – № 184 (6848).

8. Федотова, В.С. Самостоятельная работа и самостоятельная деятельность студентов в праксиологическом контексте / В.С. Федотова // Вестник ЛГУ им. А. С. Пушкина. – 2003. – № 1 (том 3). – С. 109-119.

9. Хван, Л. Б. Методика использования художественных текстов на занятиях по русскому языку в средних учебных заведениях // Л.Б. Хван // Наука. Мысль: элект. период.жур. – 2015. – № 11.

10. [Электронный ресурс] // Режим доступа: URL:https://vesti.uz/russkij-yazyk-nam-ne-chuzhoj/

**Аннотация**

**на диссертацию Бекмуратовой Умиды Аманбаевны на тему: «Педагогическое проектирование учебного пособия для самостоятельной работы по русскому языку (для каракалпакских и узбекских студентов-нефилологов)», на соискание ученой степени кандидата филологических наук по специальности 13.00.02 – Теория и методика обучения и воспитания (Русский язык и литература)**

**Ключевые слова:** самостоятельная работа, познавательная деятельность, педагогическое проектирование, модель учебного пособия, аудиторная и внеаудиторная самостоятельная работа, мотивация, особенности студентов-каракалпаков, толерантность, экспериментальное тестирование.

**Цель** исследования – разработка модели учебного пособия для самостоятельной работы по русскому языку для студентов-нефилологов и описание его возможностей в формировании учебно-познавательной деятельности студентов.

**Методы исследования:** описательно-аналитический, методическое моделирование, экспериментальное тестирование с элементами пробного обучения; эмпирические методы – анкетирование, тестирование, наблюдение, педагогический эксперимент, методы математической обработки результатов экспериментального исследования.

**Научная новизна** проведенного исследования заключается в том, что в нем была предпринята попытка теоретического обоснования и педагогического моделирования учебного процесса с помощью учебного пособия для самостоятельной работы по русскому языку для конкретной категории учащихся – студентов неязыковых специальностей узбекских и каракалпакских вузов. Так, впервые а) описаны условия изучения русского языка в современной языковой ситуации РУ и национально-культурные особенности учащихся – адресата пособия; б) проведено педагогическое проектирование учебного средства (предложена его структурно-композиционная организация и обоснованы критерии для отбора фонетического, грамматического, лексического и текстового материалов моделируемого пособия для самостоятельной работы узбекских и каракалпакских учащихся).

**Теоретическая значимость** работы заключается в том, что в ней на основе современных лингводидактических представлений, касающихся самостоятельной работы по изучению русского языка и современной теории учебника русского языка, разработана модель учебного пособия для самостоятельной работы по русскому языку для заданного контингента учащихся – узбекских и каракалпакских студентов неязыковых специальностей вузов РУ.

**Практическая ценность** работы состоит в том, что в ней выявлены и обобщены современные лингводидактические требования к обеспечению самостоятельной работы по изучению русского языка на базе учебного пособия и предложена структурно-организационная и содержательная модель такого пособия.

Предложенную в работе модель учебного пособия для самостоятельной работы по русскому языку можно использовать и при создании других пособий по русскому языку для заявленного контингента студентов (с определенной методической коррекцией).

## Шарҳи мухтасар

Ба диссертатсияи Бекмуратова Умида Аманбаевна дар мавзӯи «Тарҳрезии педагогии дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ (барои донишҷӯёни ғайрифилологи қарақалпоқ ва ӯзбек)» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ оид ба ихтисоси 13.00.02 -- Назария ва усулҳои таълиму тарбия (Забон ва адабиёти рус).

**Вожаҳои калидӣ:** кори мустақилона, фаъолияти маърифатӣ, тарҳрезии педагогӣ, амсилаи дастури таълимӣ, кори мустақилонаи синфӣ ва беруназсинфӣ, сабабнокӣ, махсусиятҳои донишҷӯёни қарақалпоқ, таҳаммулпазирӣ, пурсиши тестии озмоишӣ.

**Ҳадафи пажӯҳиш** -- коркарди амсилаи дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ барои донишҷӯёни ғайрифилолог ва тавсифи имкониятҳои он дар ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён.

**Навгонии илмии** пажӯҳиши гузарондашуда аз он иборат аст, ки дар он кӯшиши асосноккунии назариявӣ ва амсиласозии педагогии чораёни таълим бо ёрии дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ барои гурӯҳи мушаххаси муҳассилин -- донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонии муассисаҳои таҳсилоти олии ӯзбек ва қарақалпоқ сомон дода шуд. Ҳамин тавр, бори аввал а) шароитҳои омӯзиши забони русӣ дар вазъияти забонии муосири ҶӮ ва махсусиятҳои миллӣ ва фарҳангии муҳассилин -- мухотаб тавсиф карда шуданд; б) тарҳрезии педагогии воситаи таълимӣ гузаронда шуд (ташкилдиҳии сохторӣ-таркибии он пешниҳод карда шуд ва меъёрҳои интихоби фонетикӣ, грамматикӣ, лексикӣ ва матнии маводҳои дастури амсилашаванда барои кори мустақилонаи толибилмони ӯзбек ва қарақалпоқ асоснок карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии** асар аз он иборат аст, ки дар он дар асоси тасаввуроти муосири лингвистӣ-дидактикӣ марбут ба кори мустақилона оид ба омӯзиши забони русӣ ва назарияи муосири китоби забони русӣ амсилаи китоби дарсӣ барои кори мустақилона оид ба забони русӣ барои доираи муқарраршудаи толибилмон -- донишҷӯёни ӯзбек ва қарақалпоқи ихтисосҳои ғайризабонии муассисаҳои таҳсилоти олии ҶӮ коркард карда шуд.

**Арзиши амалии** асар аз он иборат аст, ки дар он талаботи муосири лингвистӣ-дидактикӣ ба таъмини кори мустақилона оид ба омӯзиши забони русӣ дар асоси дастури таълимӣ ошкор гардонда ва хулосабарорӣ карда шуданд ва амсилаи сохторӣ-ташкилӣ ва мундариҷавии чунин дастур пешниҳод карда шуд. Омодасозӣ ва дар амал татбиқ кардани дастури таълимӣ барои кори мустақилона имкон медиҳад, ки самаранокии таълими забони русии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии ӯзбек ва қарақалпоқ баланд бардошта шавад. Амсилаи дар асар пешниҳодшудаи дастури таълимӣ барои кори мустақилона оид ба забони русиро ҳангоми таҳияи дигар дастурҳо оид ба забони русӣ барои доираи эълоншудаи донишҷӯён (бо тасҳеҳи муайяни методӣ) истифода бурдан мумкин аст.

## Annotation

The annotation of the dissertation of Bekmuratova Umida Amanbayevna on the topic: “Pedagogical design of a textbook for independent work in the Russian language (for Karakalpak and Uzbek non-philology students)”, for the degree of Candidate of Philology in the specialty 13.00.02 - Theory and methods of training and education ( Russian language and literature).

Keywords: independent work, cognitive activity, pedagogical design, model of the manual, classroom and extracurricular independent work, motivation, peculiarities of Karakalpak students, tolerance, experimental testing.

The purpose of the study is to develop a model of a textbook for independent work in the Russian language for non-philologists students and a description of its capabilities in forming the educational and cognitive activity of students.

Research methods: descriptive-analytical, methodical modeling, experimental testing with elements of trial education; empirical methods - questioning, testing, observation, pedagogical experiment, methods of mathematical processing of the results of experimental research.

Scientific novelty the study is based on the fact that it attempted to theoretical substantiation and pedagogical modeling of the educational process with the help of a manual for independent work on the Russian language for a specific category of students - students of non-language specialties of Uzbek and Karakalpak universities.

So, for the first time, a) describes the conditions for studying Russian in the modern language situation of the Republic of Uzbekistan and the national-cultural characteristics of students - the addressee of the manual; b) pedagogical design of the educational tool was carried out (its structural and compositional organization was proposed and the criteria for selecting the phonetic, grammatical, lexical and textual materials of the simulated manual for independent work of Uzbek and Karakalpak students were justified).

The theoretical significance of the work lies in the fact that in it, based on modern linguodidactic ideas relating to the independent work on the study of the Russian language and the modern theory of the textbook of the Russian language, developed a model manual for independent work on the Russian language for a given contingent of students - Uzbek and Karakalpak students of non-linguistic specialties universities RU.

The practical value of the work lies in the fact that it reveals and summarizes the modern linguodidactic requirements for ensuring independent work on the study of the Russian language on the basis of a textbook and suggests a structural-organizational and substantive model of such a manual. The creation and implementation of a textbook for independent work will improve the efficiency of teaching Russian to students of Uzbek and Karakalpak universities. The proposed model of a study guide for independent work in the Russian language can also be used when creating other manuals in the Russian language for the stated student body (with a certain methodological correction)